## ТАҚРИЗ

**ба фишурдаи автореферати Абдураҳмонов Маъдӣ Саидҷалолович дар мавзуи «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

Омӯзиш, баррасӣ, таҳқиқ ва муайян намудани афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидони Осиёи Миёна дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX корест басо арзишманду мондагор, ки аз ҷониби муҳаққиқ мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст.

Мавзуи «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» дар адабиётшиносӣ аз мавзуъҳои актуалӣ ва муҳимми илмӣ ба ҳисоб рафта, муҳаққиқ бори аввал оид ба заминаҳои иҷтимоӣ ва таърихии таҳаввули тафаккури адабӣ ва эстетикӣ дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX; омилҳои маънавӣ ва фарҳангии таҳаввули тафаккури адабӣ; афкори ҷадидаи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX; нақши Аҳмади Дониш ва осори ӯ дар тағйири маҷрои адабии нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX; таҳқиқу баррасии ашъори Аҳмади Донишро мавриди омӯзишу баррасӣ қарор додааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, зерфаслҳо, хулоса ва китобнома иборат аст.

Боби аввали диссертатсия «Заминаҳои иҷтимоӣ ва таърихии таҳаввули афкори адабӣ ва эстетикӣ дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX» ном дошта, омилҳои иҷтимоӣ ва таърихии таҳаввули тафаккури адабӣ ва эстетикӣ дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст, ки он аз ду фасл иборат мебошад.

Дар ин фаслҳо диссертант «Омилҳои сиёсӣ ва таърихии тағйир ёфтани афкори иҷтимоӣ» ва «Омилҳои маънавӣ ва фарҳангии таҳаввули афкори адабӣ»-ро мавриди пажӯҳиш қарор додааст.

Боби дуюми диссертатсия «Нақши Аҳмади Дониш ва осори ӯ дар тағйири ҷараёни адабӣ ва афкори адабӣ-эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон»

унвон дошта, аз ду фаслу ду зерфасл таркиб ёфтааст. Дар фасли аввали он масъалаи «Нақши Аҳмади Дониш ва осори ӯ дар тағйири ҷараёни адабӣ» мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст. Дар адабиётшиносии муосир оид ба вазъи иҷтимоии давру замон, мақому манзалат, мавқеъ ва нақши Аҳмади Дониш дар таърихи адабиёти нимаи дуюми асри XIX рисолаву мақолаҳои зиёде навишта шуда бошад ҳам, вале ба таври мушаххас оид ба нақши Аҳмади Дониш дар тағйири маҷрои адабӣ ба истиснои ишораҳо рисолаи алоҳидае, ки ин масоилро ба таври густарда ва бо як назму низоми муайян ҳал намояд, рӯи кор наомада буд. Аз ҳамин нигоҳ диссертант масъалаи мазкурро баррасӣ намуда, нақши Аҳмади Донишро дар тағйири маҷрои адабӣ бо мисолҳои мушаххас нишон додааст.

Дар фасли дуюми боби дуюми диссертатсия, ки «Зикри Аҳмади Дониш дар тазкираҳои нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ва ашъори назмиву насрии адибони муосираш» унвон дошта, аз ду зерфасл фароҳам омадааст, масъалаҳо, қайдҳо ва хотираҳои марбут ба Аҳмади Дониш, ки дар шакли ёддошту хотираҳо дар тазкираҳои нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ва дар қисмати дуюм симои Аҳмади Дониш дар ашъори манзум–дар шеъру қасида, мухаммас ва марсияҳо зикр ёфтаанд, баррасӣ ва арзёбӣ шудаанд.

Боби сеюми диссертатсия «Афкори адабию эстетикии намояндагони адабиёти маорифпарварӣ ва ҷадида» унвон дошта, дар заминаи чор фаслу ду зерфасл масоили заминаҳои афкори маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна дар нимаи дуюми асри XIX ва пайдоиши ҷараёни ҷадидия дар ибтидои садаи XX ҳамчунин ақидаҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Дониш, тарғиби илм ва мактабу маориф аз нигоҳи Тошхоҷаи Асирӣ, ақидаҳои адабиву эстетикии Мирзо Сироҷи Ҳаким, ақидаҳои адабӣ-эстетикии Абдуррауфи Фитрат, ақидаҳои адабӣ-эстетикии Саидаҳмадхоҷа Сиддиқии Аҷзӣ пажӯҳиш ёфтаанд.

Баробари муваффақиятҳои бадастоварда, дар автореферати диссертатсия камбудию нуқсонҳо ба назар мерасад, киислоҳи онҳо арзиши илмии диссертатсияро афзун хоҳад намуд:

1. Ба андешаи инҷониб, матолиби диссертатсия дар фароварди автореферат, яъне тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ бояд на кам аз шаш бандро фаро гирад, аммо муҳаққиқ бо чор банд иктифо намудааст.

2. Дар қисми асосии таҳқиқ, яъне, боби дуюми диссертатсия "Нақши Аҳмади Дониш ва осори ӯ дар тағйири ҷараёни адабӣ ва афкори адабӣ – эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон" муҳтавои боб кашол ёфтааст, ки он ба ҳусни кор халал ворид намудааст. Хуб мешуд, агар ин қисмат дар автореферат ба таври фишурда оварда мешуд.

3. Дар матни автореферат баъзе ғалатҳои техникӣ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо қимати корро афзун хоҳад кард.

Нуқсонҳои ҷойдошта бартарафшаванда буда, ҳеч гоҳ қимати илмии автореферати диссертатсияро коста намегардонанд. Хулоса, автореферати диссертатсияи Абдураҳмонов Маъдӣ Саидҷалолович дар мавзуи «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» ҳамчун тадқиқоти комилан анҷомёфта буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои филология,
мудири шуъбаи адабиёти муосири
Институти забон ва адабиёти ба номи
Рӯдакии АМИТ Беҳрӯзи Забеҳулло

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ – 21
Телефон: ((+992) 554116868
E-mail: sapeyama@mail.ru

Имзои Беҳрӯзи Забеҳулло Саидхоҷаро тасдиқ мекунам:
Нозири калони шуъбаи кадрҳои
Институти забон ва адабиёти ба
номи А. Рӯдакии АМИТ Ҳилола Нарзиқулова
28.08.2023.